**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа зери унвони «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Дар таъбиршиносии тоҷик дар тӯли садаи XX ва ду даҳсолаи қарни XXI аз ҷониби аҳли пажуҳиш осори таҳқиқии мондагор ва фарҳангномаҳои мухтасару нисбатан муфассал анҷом дода шуда, ба нуктаҳои баҳсталаби унсурҳои рехтаву устувори забон равшанӣ андохта шуд, аммо ҳанӯз ҳам дар атрофи ин масъала нуктаҳои печидаву мубоҳисавӣ ҷой доранд. Яке аз ҳамин гуна масоил нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ ба шумор меравад. Аз ин ҷиҳат мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, он метавонад дар ҳалли нуктаҳои мубҳами фразеологияи тоҷик мадади калон расонад.

Рисола, чунонки аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқиву номгӯи сарчашмаҳо иборат аст. Дар муқаддима муаллиф доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯхташавии масъала, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети пажуҳиш, асосҳои назариву методологӣ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодгардида, аҳаммияти назариву амалии пажуҳиш ва дигар қисматҳо маълумот дода, баъдан ба баррасии масоили меҳварии рисола пардохтааст.

Боби нахусти диссертатсия «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар танзими маъноҳои воҳиди фразеологӣ» дар ҳашт фасл; боби дуюм «Муболиға ва истиора дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ» дар ҳашт фаслу понздаҳ зерфасл; боби сеюми пажуҳиш «Ташбеҳ дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ» дар шаш фаслу даҳ зерфасл ва боби чоруми таҳқиқот «Тавсиф ва киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ» дар ҳафт фаслу се зерфасл тарҳрезӣ гардидааст.

Дар чунин фаслу зерфаслҳои бобҳои тазаккурёфта муаллиф роҷеъ ба аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, маънои забонӣ ва навъҳои он, яке аз чунин маъноҳо маҳсубгардии маънои фразеологӣ, маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ ва тавсифиву кинояви мулоҳизаронӣ карда, як самти таваҷҷуҳашро ба сохтори онҳо низ равона намудааст ва дар заминаи маводи фаровони гирдовардааш нишон додааст, ки онҳо аз ин

ҷиҳат ба се навъ: таркиб, ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ ҷудо мешаванд. Унвонҷӯ барои мудаллал сохтани андешаҳояш аз осори адибони муосир мисолҳои боварибахшро зикр карда, ба ин восита назарияро бо амалия пайвастааст.

Дар натиҷаи қиёсу муқобала муаллифи рисола ба бардоште расидааст, ки дар бархе аз чунин воҳидҳои устувору рехта ду гурӯҳи маъноӣ (идиомаву фразема), дар дуюмӣ ҳар се навъи онҳо (идиомаву фраземаву ифодаҳои ғайриидиоматикӣ); ҳиссае дорои танҳо ду навъи сохторӣ (ибораву ҷумлаи фразеологӣ), вале дастаи дигар фарогири се хели ин гуна воҳидҳои фразеологӣ (таркиб, ибора ва ҷумлаҳо) мебошанд. Муаллифи диссертатсия сабабҳои чунин ноҳамгуниро дар таснифоти маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологии навъҳои тазаккурёфта муайян кардааст.

Маълум мегардад, ки унвонҷӯ аз назарияҳои навтарини масъалаи матраҳкардааш огоҳии хуб дорад, осори фаровони таҳқиқии марбут ба мавзуъро мутолиа намуда, аз насри муосири тоҷик маводи дархури матлабро гирд овардааст, аз қиёсу муқобалаи пажуҳиши аҳли таҳқиқ бурду бохти эшонро дар мавзуи мавриди таҳлил ошкор кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо забони хуби илмӣ ва босаводона таълиф гардидааст, вале дар радифи муҳассаноти зиёд дар рисола бархе нуқсон, нуктаҳои баҳсталаб ба мушоҳида расиданд, ки ислоҳи онҳо барои болоравии ҳусни пажуҳиш мусоидат хоҳад кард:

1. Муаллиф қайд кардааст, ки доир ба масоили мухталифи маъношиносӣ, фразеология муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ кори илмӣ анҷом додаанд ва баъдан адабиёти фаровонеро оварда, саҳифаи умумии онҳоро ишора мекунад. Бояд гуфт, ки дар чунин мавридҳо саҳифаи дақиқи чунин осорро зикр намудан ба мақсад мувофиқ аст (масалан, Н. Маъсумӣ дар тамоми «Очеркҳо»-яш ин масъаларо матраҳ накардааст) (с. 4-6).

2. Унвонҷӯ ҳангоми зикри ному насаби муҳаққиқон низоми ягонаи зикрро пеша накардааст. Ин аст, ки гоҳ аввал насаб ва баъд ном ва, баръакс, нахуст ном ва баъд насаб омадааст (с. 4-6, 10-11).

3. Дар фишурда баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобат ба назар расиданд. Чунин хатоҳо дар натиҷаи барзиёд зикр намудани баъзе садонокҳо (монанди муассирии - с.11), ғалат омадани ҷои ҳарфҳо (фразеологимзҳои - с.18; бенадоза - с.26), навишти якҷояи таркибҳо (дарқаҳр - с.39), фурӯгузор намудани бандаки изофӣ (ибораҳо рехтаи - с. 44), фурӯгузор кардани вергул (табиист ки - с.39; ва аз ин рӯ - с. 48) рух додаанд.

Қобили таъкид аст, ки чунин ғалатҳо ҷузъӣ буда, ба сифати умумии рисола ба ҳеҷ ваҷҳ таъсир намерасонанд.

Дар маҷмуъ, рисолаи илмии Дӯстзода Ҳамроҳхон Ҷумъа «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ҳасанзода А.А.

Имзои профессор Ҳасанзода А.А.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков-1,
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
Почтаи электронӣ: abdujamol58@mail.ru
Тел.: (92) 824-25-61; (91) 500-41-21

« 25 »-уми январи соли 2024.